# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

23 октябри соли 2023 № 18/КТ ш. Душанбе

**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Муқаддасзода Ф.М.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии комиссияро дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**